ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-039 пешниҳод шудааст

Масъалаи нигоҳ доштани солимии чорвои калони шохдор ва пешгирии бемориҳои хатарноки инвазионӣ дар рушди устувори соҳаи чорводорӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар байни чунин бемориҳо пироплазмидозҳо ҷойгоҳи муҳим дошта, аз сабаби хусусияти трансмиссивӣ, паҳншавии канаҳои иксодӣ ва таъсири омилҳои муҳити зист назорати онҳо мушкилоти муайянро ба вуҷуд меорад. Ин бемориҳо метавонанд боиси паст гардидани ҳолати физиологӣ ва маҳсулнокии чорво гардида, ба хоҷагиҳо зарари зиёди иқтисодӣ расонанд. Аз ин рӯ, тадқиқи хусусиятҳои паҳншавӣ ва таҳияи чораҳои самараноки табобатӣ ва пешгирикунанда барои шароити минтақаҳои ҷанубии ҷумҳурӣ мубрам мебошад.

Диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич ба ҳалли ҳамин масъала равона шуда, маълумоти муҳимро оид ба ҳолати пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои тадқиқотӣ дар бар мегирад. Дар рафти кор се намуд пироплазмидаҳо: *Theileria annulata*, *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica* муайян гардида, хусусиятҳои паҳншавии онҳо вобаста ба минтақа, баландии маҳал, синну сол ва зоти ҳайвонот таҳлил шудаанд. Диққати муаллиф инчунин ба муайян намудани шаклҳои гуногуни инвазия, аз ҷумла ҳолатҳои моноинвазия ва инвазияи омехта равона гардидааст.

Навгонии кор ва натиҷаҳои назарраси тадқиқот муайян намудани фауна ва паҳншавии канаҳои иксодӣ, инчунин арзёбии самаранокии ваксинаи заифкардашудаи зидди тейлериоз дар асоси штамми S_{15}-и *Theileria annulata* мебошад, ки дар шароити таҷрибавӣ 100% самаранокӣ нишон додааст. Ҳамзамон, таъсири доруҳои зиддипротозойӣ ва воситаҳои инсектоакаритсидӣ омӯхта шуда, маҷмӯи чораҳои табобатию пешгирикунанда пешниҳод гардидааст. Натиҷаҳои тадқиқот барои мониторинги ҳолати эпизоотологӣ, ташкили чораҳои пешгирӣ ва назорати пироплазмидозҳо дар хоҷагиҳои чорводорӣ аҳаммияти амалӣ доранд. Муаллиф дар рафти тадқиқот усулҳои саҳроӣ, эпизоотоолгӣ, клиникӣ, паразитологӣ, озмоишгоҳӣ ва таҷрибавиро истифода бурдааст, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои асоснок мусоидат намудаанд.

Диссертатсия аз рӯйи сохтор ва ҳаҷм ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ мувофиқат намуда, 154 саҳифаро дар бар мегирад. Дар он муқаддима, баррасии адабиёти илмӣ, мавод ва усулҳои тадқиқот, 13 зерфасли тадқиқоти хусусӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалӣ ҷой дода шудаанд. Рӯйхати адабиёт аз 273 сарчашма иборат буда, 62-тои онҳо манбаъҳои хориҷӣ мебошанд. Натиҷаҳои тадқиқот дар 11 ҷадвал ва 3 расм инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар 6 мақолаи илмӣ нашр гардида, аз онҳо 3-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ба рӯйхати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда ба табъ расидааст. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои асосии кор барои муҳокимаи илмӣ пешниҳод гардида, дар шакли нашрияҳои илмӣ инъикос ёфтаанд.

Мундариҷаи диссертатсия ба самтҳои асосии ихтисоси 4.3.6. Паразитология мувофиқат намуда, масъалаҳои омӯзиши барангезандагони бемориҳои паразитӣ, паҳншавӣ, ташхис, муолиҷа, пешгирӣ ва назорати бемориҳои инвазионӣ, инчунин интиқолдиҳандагони онҳоро дар бар мегирад.

Хулоса

Аз таҳлили автореферат бармеояд, ки диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич тадқиқоти мустақилона ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ба масъалаи муҳими паразитологияи ветеринарӣ бахшида шудааст. Дар натиҷаи тадқиқот маълумоти нав оид ба паҳншавии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, барангезандаҳои онҳо, канаҳои иксодӣ ва самаранокии як қатор чораҳои табобатию пешгирикунанда ба даст оварда шудааст. Бо дарназардошти аҳаммияти масъалаи тадқиқшуда, натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастомада, диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ» ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба кормандони илмӣ ва илмӣ-педагогӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мебошад.

Муқарриз:
Директори генералии Ҷамъияти кушоди
саҳомии якҷояи Тоҷикистону Россия «БИОРТ»,
номзади илмҳои биологӣ Аҳмадов Н.А.
05 октябри соли 2026
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.Файзобод, ҷамоати Чашмасор,
деҳаи Сари сафедхок, хонаи 53
Тел.: +(992) 985313149;
Почтаи электронӣ: nusratullo.73@mail.ru

Имзои Аҳмадов Н.А.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири шуъбаи кадрҳои «БИОРТ» Ятимов А.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Гипрозем 61
Тел.: +(992) 880080381
Почтаи электронӣ: nusratullo.73@mail.ru
05 октябри соли 2026